ФАРМОИШИ
РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «31» 08 соли 2026 № 307/уи ш. Душанбе

Дар бораи додани унвони илмии профессор

Мутобиқи сархати ҳаждаҳуми банди 9 ва сархатҳои чорум ва даҳуми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва бандҳои 2, 4, 5, сархати якуми банди 38 ва банди 40 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Ба довталабони дарёфти унвони илмӣ тибқи рӯйхат (шаш нафар) шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии профессор дода шавад (рӯйхат замима мегардад).
2. Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус (Суҳроб Ҷурахонзода) шаҳодатномаҳои намунаи давлатии унвони илмиро барасмият дарорад.
3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ (Мавзуна Каримзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ва парвандаҳои аттестатсионӣ ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2026, №9

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Раис Сайфиддин Давлатзода

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи
олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «31» 08 соли 2026, №307/уш

Рӯйхати
довталабони дарёфти унвони илмии профессор, ки ба онҳо
шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмӣ дода мешавад

| № | Насаб, ном ва номи падари довталаб | Муассисае, ки барои сазовор донистани унвони илмии профессор ба Комиссия дархостнома пешниҳод кардааст |
|---|---|---|
| 1. | Раҳимзода Рамазон Ҳамро | Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон; профессор аз рӯйи самти илмҳои «Ҳуқуқ» |
| 2. | Раҳмадҷонзода Рифат Раҳмадҷон | Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон; профессор аз рӯйи самти илмҳои «Ҳуқуқ» |
| 3. | Миралиён Қиёмиддин Абдусалимзода | Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; профессор аз рӯйи самти илмҳои «Сиёсатшиносӣ» |
| 4. | Собирзода Нуралӣ Миралӣ | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; профессор аз рӯйи самти илмҳои «Иқтисодиёт» |
| 5. | Ходжаев Парвиз Давронович | Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон; профессор аз рӯйи самти илмҳои «Иқтисодиёт» |
| 6. | Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан | Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон; профессор аз рӯйи самти илмҳои «Иқтисодиёт» |